10780 - Аз рӯйи фаромӯшӣ намозро бе таҳорат адо кард

савол

Ман аз рӯйи фаромӯшӣ бе таҳорат намоз хондам ва баъд аз ба анҷом расонидани намоз ба ёдам омад, ки таҳорат надоштам. Оё бар ман лозим аст, ки намозро аз нав бихонам?

Ҷавоби муфассал

Бале. Ҳар касе, ки аз рӯйи фаромӯшӣ бе таҳорат намоз бихонад, бар ӯ воҷиб аст, ки намозашро аз нав адо намояд. Зеро расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармудааст:
«Аллоҳ таъоло намози ҳеҷ яке аз шуморо, ҳангоме ки таҳорат надошта бошад, намепазирад, то он даме ки таҳорат накунад».

Ин ҳадисро Бухорӣ аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) дар китоби "Вузӯ" ривоят кардааст.

Аммо касе, ки аз рӯйи фаромӯшӣ бо либоси нопок намоз бихонад, бар ӯ лозим нест, ки намозашро аз нав адо намояд. Зеро ҳангоми намоз Ҷабраил (дуруди Аллоҳ бар ӯ бод) назди паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омад ва ба ӯ хабар дод, ки дар кафшҳояш нопокӣ ҳаст. Паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) кафшҳояшро аз пой бароварда ва намозашро идома дод. Ин ҳадисро Аҳмад аз Абусаиди Худрӣ (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) дар китоби "Муснад"-и худ ривоят кардааст.

Аз ин бармеояд, ки шахсе, ки аз мавҷудияти наҷосат бехабар аст, ба аз нав хондани намоз амр карда намешавад, ҳамчунин шахси фаромӯшкарда низ ба аз нав хондани намоз амр карда намешавад.